# ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2022

То 31 декабри соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 16 ташкилоти суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, ки аз онҳо 1 ададро ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД) ва 15 ададро ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ташкил дод. Шумораи онҳо нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ аз ҳисоби барҳам хӯрдани КВДС "Тоҷиксармоягузор", қатъ гардидани амали иҷозатномаи ҶСП "ТС Кафил" ва бо сабаби дағалона вайрон кардани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта бо қарори Суди иқтисодии ш. Душанбе бекор карда шудани иҷозатномаи ҶДММ "ТС Меҳрубон" 3 адад кам гаштааст.

Теъдоди филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бошад, дар моҳҳои январ – декабри соли ҳисоботӣ 67 ададро ташкил доданд, ки нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2021 5 адад кам мебошад.

***Ҷадвали 1. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва филиалҳои онҳо дар соли 2022***

**(бо адад)**

| | *2021* | *2022* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **19** | **16** | **-3** |
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 1 | -1 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 17 | 15 | -2 |
| **Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ** | 72 | 67 | -5 |

**Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар соли 2022 ба 612,2 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба соли қаблӣ 86,3 млн. сомонӣ (16,4 фоиз) зиёд мебошанд. Аз ин дороиҳои пардохтпазир (дар шакли воситаҳои пулӣ, пасандозҳои бонкӣ ва

сармоягузорӣ) 507,6 млн. сомониро ташкил медиҳанд, ки ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии дороиҳо ба 82,9 фоиз баробар аст.

Афзоиш ёфтани дороиҳои низоми суғурта асосан аз ҳисоби зиёдшавии дороиҳои ҶСП ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" ба андозаи 62,0 млн. сомонӣ (28,8 фоиз), ҶДММ ТС "Паймон Иншуренс" 22,3 млн. сомонӣ (75,6 фоиз), ҶДММ "ТС Бима" 16,7 млн. сомонӣ (49,6 фоиз), ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" 7,5 млн. сомонӣ (7,2 фоиз) ва ҶДММ ТС "Меҳнат" 4,1 млн. сомонӣ (84,6 фоиз) ба амал омадааст.

Дар маҷмуъ, саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар давраи баррасишаванда ба **1,9 фоиз** баробар шуда, **нисбат ба ММД, 0,5 фоизро** ташкил дод.

***Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2022***




**Дар соли 2022 уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии)** кишвар ба 225,9 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 20,4 млн. сомонӣ (9,9 фоиз) зиёд мебошад.

***Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2022***



**Маблағҳои худии (сармояи)**[1] **низоми суғуртаи кишвар** дар соли 2022 ба 386,3 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 65,9 млн. сомонӣ (20,6 фоиз) зиёд гардидааст. Чунин афзоиш дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) яке аз афзалиятҳои муҳим арзёбӣ мегардад.

Сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, то санаи 31 декабри соли 2022 маблағи 279,5 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2021 ба андозаи 43,9 млн. сомонӣ (18,6 фоиз) зиёд мебошад.

*Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2022*




*Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2022*




**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар соли 2022 ба 2 114,5 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли гузашта 143,8 ҳазор адад (7,3 фоиз) зиёд мебошад. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки тавaҷҷуҳи аҳолӣ ба суғурта сол то сол бештар гардида, сатҳи маърифати молиявӣ низ дар кишвар баланд шуда истодааст.

***Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар солҳои 2015-2022***




[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

**Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** дар давоми моҳҳои январ-декабри соли 2022 305,9 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 19,5 млн. сомонӣ (6,8 фоиз) зиёд мебошад. Афзоиши мазкур дар ин давра асосан аз ҳисоби зиёд гардидани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар ҶСП ТС "Паймон Иншуренс", КВД "Тоҷиксуғурта", ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" ба амал омадааст.

***Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2022***




Дар соли 2022 воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи шакли суғуртаи ҳатмии давлатӣ 1 076,4 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 40,9 ҳазор сомонӣ (3,9 фоиз) зиёд мебошад. Воридоти шакли суғуртаи ҳатмӣ бошад, ба 71,4 млн. сомонӣ баробар гардида, дар қиёс ба соли гузашта 10,4 млн. сомонӣ (17,0 фоиз) зиёд мебошад.

Воридот аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар соли 2022 ба 233,4 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 76,3 фоизи ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавиро дар кишвар ташкил медиҳад. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар муқоиса ба соли гузашта ба андозаи 8,4 млн. сомонӣ (3,7 фоиз) афзудааст. Нишондиҳандаи мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ танҳо ба амалишавии намудҳои суғуртаи ҳатмӣ маҳдуд нагашта, суғуртакуниро аз рӯйи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ низ рушд дода истодаанд.

*Диаграммаи 7. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯйи шаклҳои суғурта дар солҳои 2015-2022*




**Уҳдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар давраи баррасишаванда 105,6 млрд. сомониро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба соли 2021 698,7 млн. сомонӣ (0,7 фоиз) зиёд мебошад.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2022 68,0 млрд. сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба соли қаблӣ 5,7 млрд. сомонӣ (7,7 фоиз) кам мебошад.

*Диаграммаи 8. Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2022*




*Диаграммаи 9. Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2022*




**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи низоми суғурта бошад**[2], дар соли 2022 ба маблағи 71,5 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба соли қаблӣ 11,7 млн. сомонӣ (14,1 фоиз) кам мебошад. Ин раванд аз як тараф ба устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои

[2] Амалиётҳои азнавсуғуртакунӣ, ки барои кам кардани уҳдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудаанд, бинобар сабаби дар ин марҳила мавҷуд набудани ташкилоти азнавсуғуртакунӣ дар бозори суғуртаи кишвар тавассути ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ анҷом дода шуданд.

суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъсири мусбат расонида, аз тарафи дигар ба саривақт амалӣ гардидани пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ мусоидат менамояд.

**Ташаккулёбӣ ва мавҷудияти захираҳои суғуртавӣ**, ки далели саривақт иҷро гардидани ухдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд, дар соли 2022 170,7 млн. сомониро ташкил доданд, ки он дар муқоиса ба соли қаблӣ ба андозаи 488,0 ҳаз. сомонӣ (0,3 фоиз) зиёд мебошад.

*Лозим ба ёдоварист, ки раванди ташаккул додани захираҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) кишвар дар соли ҳисоботӣ то андозае таъмин гардидааст.*

**Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** дар соли 2022 тамоюли пастшавиро касб намуда, ба 26,3 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2021 ба андозаи 65,5 млн. сомонӣ (71,4 фоиз) кам мебошад. Сабаби камшавӣ дар он аст, ки соли 2021 аз ҳисоби ташкилоти азнавсуғуртакунандаи хориҷӣ ба маблағи 69,5 млн. сомонӣ ба НБО "Роғун" ҷуброни суғуртавӣ амалӣ гардида буд.

Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯйи намудҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ -166,4 ҳазор сомонӣ (0,6%), суғуртаи ҳатмӣ – 749,4 ҳазор сомонӣ (2,9%) ва ба суғуртаи ихтиёрӣ – 25,4 млн. сомонӣ (96,5%) –ро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи 10. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2022*




*Диаграммаи 11. Тағйирёбии таносуби пардохт (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2022*




**Ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар низоми бонкии кишвар дар соли 2022 43,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 9,2 млн. сомонӣ (27,0 фоиз) зиёд мебошад ва раванди мазкур барои равонасозии

сармоягузориҳо ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ** аз рӯйи натиҷаҳои соли 2022 ба 77,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли гузашта ба маблағи 15,8 млн. сомонӣ (25,4 фоиз) зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои самаранокии низоми суғуртаи кишвар аз рӯйи дороиҳо (ROA) дар соли 2022 ба ҳисоби миёна 3,1 фоизро ташкил дода, аз рӯи сармоя (ROE) ба 7,4 фоиз баробар гардид.

